*УДК 330*
*DOI 10.24412/3005-8023-2024-4-167-176*

***НАҚШИ ИҚТИДОРИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР РУШДИ УСУВОРИ ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚАВӢ***

***Шамсиев Фурқатҷон Каримович,*** *н.и.и., дотсенти кафедраи менеҷменти ДДҲБСТ;* ***Абдураҳмонова Мавлуда Муҳаммадҷоновна,*** *ассистенти кафедраи менеҷменти ДДҲБСТ (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

***РОЛЬ ИНВЕСТИЦИОННОГО ПОТЕНЦИАЛА В УСТОЙЧИВОМ РАЗВИТИИ РЕГИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ***

***Шамсиев Фуркатджон Каримович,*** *канд.экон.наук, доцент кафедры менеджмента ТГУПБП;* ***Абдурахмонова Мавлуда Мухаммаджоновна,*** *ассистент кафедры менеджмента ТГУПБП (Худжанд, Таджикистан)*

***THE ROLE OF INVESTMENT POTENTIAL IN THE SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF THE REGIONAL ECONOMY***

***Shamsiev Furkatjon Karimovich,*** *candidate of Economics, associate professor of the department of Management under the TSULBP;* ***Abdurakhmonova Mavluda Mukhammadjonovna****, assistant of the department of management under the TSULBP (Khujand, Tajikistan)* ***e-mail:*** *smakhina@mail.ru*

*Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтидори сармоягузорӣ дар рушди устувори иқтисодиёти минтақавӣ баррасӣ шудааст. Шартҳои баланд бардоштани ҷаззобият ва мақсаднокии сармоягузорӣ дар иқтисодиёти минтақавӣ барои таъмини рушди босуботи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тадқиқ гардидааст. Зикр гардидааст, ки иқтисодиёти минтақавӣ ҳамчун мезосатҳ дорои хусусиятҳои хос мебошад: аз як тараф ҳамчун зернизоми хочагии халқ бо дигар ҷузъҳои минтақа алоқамандии зич дорад ва аз тарафи дигар, дар ҳудуди минтақа ҳамчун хоҷагӣ дар низоми алоқаҳои байни субъектҳои хоҷагидорӣ инкишоф меёбад. Таъкид гардидааст, ки талаботи рӯзафзун ба маҳсулоти истеҳсолкардаи корхонаҳои соҳаҳои инкишофёфта ва сатхи баланди даромаднокии сармоягузорӣ омили калидии рушди иктисодиёти минтақа ба хисоб меравад. Мудаллал гардидааст, ки татбиқи сиёсати хирадмандонаи сармоягузорӣ татбиқи идоракунии самараноки сармоягузории рушди иқтисодӣ тибқи меъёрҳои муқаррааргардида буда, барои баланд бардоштани иқтидори сармоягузорӣ замина мегузорад. Ҳангоми арзёбии иқтидори сармоягузорӣ омилҳои рушди инфрасохтории ҳудуд, иқтидори инноватсионӣ, иқтидори зеҳнии аҳолӣ, ҷузъи захиравӣ ба инобат гирифта мешавад.*

***Калидвожаҳо:*** *иқтидори сармоягузорӣ, иқтисодиёти минтақавӣ, рушди устувор, муҳити сармоягузорӣ, сиёсати сармоягузорӣ, сармояи мустақим, сармояи ҷомадонӣ, маҳсулоти саноатӣ*

*Рассматриваются теоретико-методологические основы инвестиционного потенциала устойчивого развития региональной экономики. Изучены условия для роста привлекательности и целесообразности инвестиций в региональную экономику с целью обеспечения стабильного развития экономики Республики Таджикистан. Подчеркивается, что региональная экономика как мезоуровень имеет свои особенности: с одной стороны, как подсистема народного хозяйства она тесно связана с другими компонентами региона, а с другой стороны, развивается в пределах региона как форма в системе связей хозяйствующих субъектов. Отмечается, что растущий спрос на продукцию, производимую предприятиями развитых отраслей, и высокий уровень инвестиционной рентабельности являются ключевыми факторами регионального экономического развития. Доказано, что реализация разумной инвестиционной политики*

*является осуществлением эффективного инвестиционного управления экономическим развитием согласно установленным стандартам и закладывает основу для повышения инвестиционного потенциала. При оценке инвестиционного потенциала учитываются факторы инфраструктурного развития территории, инновационный потенциал, интеллектуальный потенциал населения, ресурсная составляющая.*

***Ключевые слова:*** *потенциал инвестирования, региональная экономика, устойчивое развитие, инвестиционная среда; инвестиционная политика, прямые инвестиции, портфельные инвестиции, промышленные товары*

*The article dwells on the theoretical and methodological foundations of the investment potential of the sustainable development of the regional economy. Studying the conditions for the attractiveness and expediency of investments in the regional economy in order to ensure the stable development of the economy of the Republic of Tajikistan. It is emphasized that the regional economy as a mesolevel has its own characteristics: on the one hand, as a subsystem of the national economy, it is closely connected with other components of the region, and on the other hand, it develops within the region as a form and system of connections of economic entities. The author notes that the growing demand for products produced by enterprises in developed industries and the high level of investment profitability are key factors in regional economic development. It has been proven that the implementation of a reasonable investment policy is the implementation of effective investment management of economic development in accordance with established standards and lays the foundation for increasing investment potential. When assessing investment potential, factors of infrastructural development of the territory, innovative potential, intellectual potential of the population, and resource component are taken into account as well.*

***Key-words:*** *investment potential, regional economy, sustainable development, investment environment, investment policy, direct investment, portfolio investment, industrial goods*

Иқтидори сармоягузорӣ омили асосии рушди иқтисодиёти минтақавӣ ба ҳисоб меравад, зеро он дар татбиқи

лоиҳаҳои стратегӣ захираҳои заруриро фароҳам оварда, дар рушди босуботи иқтисодӣ ва некуаҳволии аҳолии минтақа мавқеи хоса дорад [4, 66].

Тӯли даҳсолаи охир, дар ҳудуди кишвар оид ба рушди устувори минтақа, чи дар самти назариявӣ ва чи амалӣ таҳқиқоти муайян ба анҷом расонида шуда, аз ҷониби олимони соҳа роҳҳои ҳалли ин масъала пешниҳод гардидааст. Вале, ҳанӯз ҳам аксар муаммоҳои вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии минтақа, аз қабили сатҳи нокифояи рушди бахши воқеии иқтисодиёти минтақа, арзёбии нерӯи сармоягузорӣ ва баланд бардоштани ҷаззобият сармоягузорӣ дар минтақа, ҷалби сармоягузорони хориҷӣ, бекорӣ, истифодабарии иқтидорҳои иқтисодии минтақа ва ғайраҳо ҳалли худро наёфтаанд.

Вобаста ба вазъи ба миёномада зарурати муайян намудани самтҳои нави таъмини рушди устувори иҷтимоӣ - иқтисодии минтақа арзи ҳастӣ кардааст, ки дар низоми иҷтимоӣ-иқтисодии ҳудудӣ ҳалли онҳо танҳо дар асоси истифодаи равияи нави пешқадам имконпазир мебошад. Алхол ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисоди минтақавӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва асосӣ мебошад. Чуноне ки олими ватанӣ Муртазоев О.К. қайд менамояд: “... минтақа заминаи асосии рушди иқтисоди миллӣ буда, бо хусусиятҳои хоси мавқеи ҷуғрофӣ, самти инкишоф ва мавҷудияти имкониятҳои иқтисодӣ нақши калиди дорад. Аз ин рӯ баланд бардоштани ҷаззобияти сармоягузории минтақа ва ҷалби сармоягузорони эҳтимолӣ метавонад ба ҳалли муаммоҳои сармоягузорӣ ба иқтисодиёти минтақа мусоидат кунад” [5, 158].

Ҳамасола дар паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон оид ба такмили сиёсати иқтисодии кишвар ва минтақаҳо супоришҳои мушаххас гузошта мешавад. Чунончӣ, дар Паёми соли 2023 чунин омадааст: “Ҳукумати мамлакат рушди бахши хусусӣ, соҳибкорӣ ва сармоягузориро дар Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ҳамчун воситаи асосии ноил шудан ба ҳадафҳои миллӣ муайян кардааст ва ҷиҳати фароҳам овардани шароити мусоид барои пешбурди фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, барои сармоягузорӣ ҷолиб гардонидани иқтисодиёти кишвар ва ба содирот нигаронидани он пайваста чораҷӯйӣ менамояд [7с.10]

Дар адабиёти иқтисодӣ, истилоҳи “иқтидори сармоягузорӣ”-ро муҳаққиқону олимон ҳарчанд зиёд истифода баранд ҳам, вале таърифи аниқи он пешниҳод нашудааст ва ин истилоҳ то ҳоло дар ягон санади меъёрии ҳуқуқӣ сабт нагардидааст. Баъзе муаллифон “иқтидори сармоягузории минтақа”- ро ҳамчун “қобилияти таъмин намудани эҳтиёҷоти сармоягузории минтақа бе ҷалби сармояи қарзӣ ва дигар манбаъҳои маблағҳои ҷалбшуда” маънидод намудаанд. [6, 94] Муҳаққиқони дигар бар он назаранд, ки иқтидори сармоягузории минтақа “маҷмуи имкониятҳоест, ки таносуби сармояи меҳнатӣ, қобилияти субъектони хоҷагидор ва захираҳои истеҳсолиро барои таъмини даромади устувори иқтисодӣ дар як давраи муайян фароҳам меоварад”.

Мафҳуми иқтидор аз калимаи лотинии potentiat гирифта шуда, қудрат ва тавоноиро ифода менамояд. Аз нигоҳи иқтисодӣ дар маънии томаш, истилоҳи иқтидор (потенсиал) – ин маҷмуи воситаҳои мавҷудаи минтақа ё қобилияти он самти муайян мебошад. [8]

Муҳити сармоягузорӣ яке аз самтҳои муҳимтарини иқтисодиёт мебошад. Ҳукумати маҳаллӣ ба сармоягузор ҳадди ақалли фоидаро ба сатҳи муайяни хавф ва ӯҳдадориҳои минтақавӣ кафолат медиҳад. Зеро сармоягузорони эҳтимолӣ вазъи фазои сармоягузории минтақа, яъне иқтидори сармоягузорӣ ва сатҳи хатарҳои сармоягузорӣ (имкони аз даст додани сармоягузорӣ)-ро ба назар мегиранд. Бинобар ин, дар раванди интихоби объектҳои сармоягузорӣ арзёбии рейтингии сармоягузории минтақа хеле муҳим аст.

Тадқиқи шартҳои ҷаззобият ва мақсаднокии сармоягузорӣ дар иқтисодиёти минтақавӣ барои таъмини рушди босуботи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи хоса дорад.

Усулҳои мухталифи арзёбии муҳити сармоягузории мамлакатҳо ва минтақаҳои алоҳида мавҷуданд, аз ҷумла, рейтингҳои байналмилалии “Бурдани тиҷорат”, “Рейтинги эътимоди сармоягузорони мустақими хориҷӣ”, “Рейтинги озодии иқтисодӣ” “Рейтинг оид ба ҷалби сармояи дохилӣ” ва ғайра мавҷуданд. Аз ҷумла аз рӯи рейтинги «Пешбурди тиҷорат» мавқеи умумии ҷумҳурӣ дар давоми 5 соли охир аз ҷои 147-ум ба ҷои 106-ум (41 зина) тағйир ёфт. [2] Тибқи ин рейтинг, дар нишондиҳандаҳои зерин тағйироти мусбат ба қайд гирифта шудааст: бақайдгирии корхонаҳо 34 зина аз ҷои 70-ум ба ҷои 36-ум, гирифтани иҷозатнома барои сохтмон ва савдои байналмилалӣ- 1 зина. Шумораи нишондиҳандаҳо: бақайдгирии амвол (-3 ҷой), қарздиҳӣ (-9 ҷой), ҳифзи манфиатҳо (-6 ҷой), андозбандӣ (-3 ҷой), таъмини истифодаи шартномаҳо (-2 ҷой).

Дар рейтинги рақобатпазирии ҷаҳонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2018–2019 бо шохиси 52,4 мақоми 104-ро ишғол намуд, дар ҳоле, ки соли 2015–2016 бо шохиси 4,03 дар мақоми 80 дар соли 2014–2015 бо шохиси – 3,9 мақоми 91 –ро ишғол карда буд. Индекси ҷаҳонии рақобатпазирӣ аз 113 тағирёбанда иборат аст, ки дар 12 нишондиҳандаи меъёрӣ (сифати муассисаҳо, инфрасохтор, суботи макроиқтисодӣ, тандурустӣ ва таҳсилоти ибтидоӣ, таҳсилоти олӣ ва касбомӯзӣ, самаранокии бозори мол ва хизматрасонӣ, самаранокии бозори меҳнат, рушди бозори молиявӣ, сатҳи рушди технологӣ, ҳаҷми бозори дохилӣ, рақобатпазирии корхонаҳо, иқтидори инноватсиони) муттаҳид карда шудаст [2].

Рейтинги озодии иқтисодии кишварҳои ҷаҳон 50 давлатро (2023) баррасӣ намуда, шохиси озодии иқтисодиро аз рӯи даҳ нишондиҳандаи зерин муайян намуд: ҳуқуқи

моликият; озодӣ аз коррупсия; озодии фискалӣ; иштироки ҳукумат; озодии соҳибкорӣ; озодии меҳнат; озодии пул; озодии савдо; озодии сармоягузорӣ ва озодии молиявӣ. Тибқи рейтинги озодии иқтисодӣ дар соли 2023 Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шохиси – 50,6 дар ҷои 144-ум, ба гурӯҳи чаҳоруми панҷ гурӯҳ – "кишварҳои дорои иқтисоди ғолибан ноозод" дохил шудааст, дар ҳоле ки соли 2015 бо шохиси 52,7 дар ҷойи 140-ум қарор дошт.

Натиҷаҳои арзёбии фазои сармоягузории ҷумҳурӣ барои муайян намудани вазъи сиёсати минтақавии сармоягузорӣ муҳим аст, зеро баҳодиҳӣ тавсифи мунтазами омилҳои ба интихоби сармоягузор таъсиркунандаро таъмин менамояд. Ба туфайли таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ минтақаҳои ҷумҳурӣ рушд мекунанд.

Татбиқи сиёсати хирадмандонаи сармоягузорӣ - ин татбиқи идоракунии самараноки сармоягузории рушди иқтисодӣ тибқи меъёрҳои муқарраргардида буда, барои баланд бардоштани иқтидори сармоягузорӣ замина мегузорад. Ҳангоми арзёбии иқтидори сармоягузорӣ омилҳои рушди инфрасохтории ҳудуд, иқтидори инноватсионӣ, иқтидори зеҳнии аҳолӣ, ҷузъи захиравӣ ба инобат гирифта мешавад. Иқтидори сармоягузории минтақа аз ҳисоби хусусиятҳои хоси табиӣ ва ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ташаккул меёбад. Сармоягузорӣ шарти асосии рушди босуръати иқтисодиёти кишвар буда, таҳти сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат бо мақсади татбиқи Стратегияи миллии рушд то соли 2030, солҳои охир барои афзудани ҳаҷми сармоягузорӣ ба иқтисодиёти мамлакат тадбирҳои зарурӣ ба роҳ монда шудааст.

Чуноне ки аз маълумоти оморӣ бармеояд, солҳои охир ба иқтисодиёти мамлакат дар маҷмуъ ва минтақаҳои он дар алоҳидагӣ 2.576.796,7 млн доллар сармоягузорӣ шудааст, аз ҷумла 618400,0 млн доллари ИМА сармояи мустақим, 217,3 млн доллари ИМА сармояи ҷомадонӣ ва 1958179,4 млн доллар дигар намуди сармоя ҷалб гардидааст (ниг. ба ҷадвали 1).

Аз ҳаҷми умумиии сармоягузорӣ 26% ба сармояи мустақим, 0,009% сармояи ҷомадонӣ ва 84,7% ба дигар намудҳои сармоя рост омадааст. Қайд намудан ба маврид аст, ки ташкил ва равонасозии воситаҳои сармоягузорӣ бо хусусиятҳои хоси соҳаҳои иқтисодиёт вобастагии қавӣ дорад.

***Ҷадвали 1***

***Динамикаи сармоягузории мустақим ба иқтисодиёти минтақаҳои кишвар дар давраи 2021 – 2022***

***ҳазор доллар***

| Минтақаҳо | 2021 | | | 2022 | | | 2022/ 2021 (ба ҳисоби %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | I | II | III | I | II | III | |
| **Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ** | **3789144,2** | **502683,4** | **2310267,1** | **618400,0** | **217,3** | **1958179,4** | |
| | **57,393060** | **7,6124839** | **34,992940** | **00,38880** | **0,00843295** | **760,05916** | |
| | **6602094,7** | | | **2576796,7** | | | **39,1** |
| **Аз он ҷумла дар минтақаҳо** | | | | | | | |
| **ВМКБ** | 1476690,7 | 500783,4 | 2016951,3 | 52,2 | 0,0 | 0,0 | |
| | 37% | 12,5% | 50,5% | 100% | 0% | 0% | |
| | **3994425,4** | | | **52,2** | | | 0,0013 |
| **Вилояти Суғд** | 811953,3 | 1899,9 | 219758,1 | 343085,1 | 217,3 | 474871,8 | |
| | 78,5% | 0,18% | 21,2% | 41,93301 | 0,026559 | 580,0187 | |
| | **1033611,3** | | | **818174,2** | | | 40,23 |
| **Вилояти** | 1089436,6 | 0,0 | 64994,4 | 7536,8 | 0,0 | 40798,7 | 4,19 |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Хатлон** | 94,37 | 0% | 5,62999 | 15,59268 | 0% | 84,40731 | |
| | **1154431** | | | **48335,5** | | | |
| **ш.Душанбе** | 1476690,7 | 500783,4 | 2016951,3 | 178108,3 | 0,0 | 1428725,8 | |
| | 36,96878 | 25,0741 | 50,49415 | 11,08442 | 0% | 88,91557 | |
| | **3994425,4** | | | **1606834,1** | | | 40,23 |
| **НТҶ** | 272916,2 | 0,0 | 2821,3 | 22117,5 | 0,0 | 13783,1 | |
| | 101,0337 | 0% | 1,02318 | 162,317 | 0% | 38,3923 | |
| | **275737,5** | | | **35900,6** | | | 13,1 |
| **Шарҳ: I - Сармояи мустақим; II - Сармояи ҷомадонӣ; III – Дигар намуди сармоя** | | | | | | | |

***Манбаъ:*** *Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. АОНПҶТ, 2021 С. 113; Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. АОНПҶТ, 2023 С. 112; Маҷмӯаи омори вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон// Маҷмуаи оморӣ. – Хуҷанд. АОНПҶТ, 2022 – С. 342; Маҷмуаи омори вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон// Маҷмуаи оморӣ. – Хуҷанд. АОНПҶТ, 2023 – С. 343*

Ҳангоми баррасии тақсимоти байниминтақавии сармоягузориҳо ба иқтисодиёти минтақавӣ ба гетрегении (аз калимаи юнонии ἕτερος «дигар» + γένος «насл») назарраси фазоии он диққат дода шудааст. Ҳамин тариқ, 73% - и сармоягузории иқтисодиёти миллӣ ба шаҳри Душанбе рост меояд .

Қайд кардан ба маврид аст, ки мушкилоти гетерогении фазоии тақсимоти сармоягузорӣ на танҳо дар сатҳи байниминтақавӣ, балки ҳангоми тақсимоти сармоягузорӣ дар ҳудуди ноҳияҳои минтақаҳои алоҳидаи кишвар низ зоҳир мегардад.

Ҳар як минтақа бо мавқеи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ, шароити табиию иқтисодӣ, имкониятҳои худ аз дигар минтақаҳо фарқ мекунад, ки истифодаи самарабахши онҳо ба тараққиёти минтақа ва ҳалли бомуваффақияти вазифаҳои иқтисодию иҷтимоии дар назди он гузошташуда, баланд бардоштани дараҷаи некӯаҳволии аҳолӣ таъсири самарабахш мерасонад.

Дар байни соҳаҳои иқтисодиёти минтақа баъзе соҳаҳои саноат, аз ҷумла: электроэнергетика, истихроҷ ва коркарди маъданҳои кӯҳӣ, саноати сабук ва хӯрокворӣ, алоқа барои ҷалби сармоя нисбат ба дигар соҳаҳои иқтисодиёт як қатор бартариҳо доранд. Чунончи, таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки ин соҳаҳо ба иқтисодиёти минтақавӣ таъсири мултипликаторӣ дошта, ба рушди соҳаҳои дигари саноат мусоидат менамоянд ва воситаи асосии ҷалби захираҳои сармоягузорӣ ба минтақа мегарданд.

Соҳаи саноат ҳамчун заминаи ташаккули низоми самарабахши иҷтимоию иқтисодии минтақа иқтидори азим дорад. Талаботи рузафзун ба маҳсулоти корхонаҳои соҳаҳои инкишофёфтаи саноат, ки дараҷаи баланди даромаднокии сармоягузориро дорад, омили калидии рушди иктисодиёти минтақа мебошад.

Дар саноати минтақаи вилояти Суғд баъди гузариш ба низоми иқтисоди бозорӣ ва куллан тағйир ёфтани мақоми ҷамъиятию ҳуқуқии ин соҳа фаъолияти миқдори зиёди корхонаҳое, ки аз рӯи нақшаи тақсимоти умумииттифоқии меҳнат (аз рӯйи нишондиҳандаҳои иқтисоди нақшавӣ дар замони шуравӣ) кор мекарданд, қатъ гардид.

Имрӯз мувофиқи нишондиҳандаҳои оморӣ масоҳати умумии вилояти Суғд 26,1 км.2 буда, дар он 10 ноҳия, 8 шаҳр, 20 шаҳрак, 93 ҷамоати деҳот ва зиёда аз 656 деҳа вуҷуд дорад. Вилояти Суғд яке аз вилоятҳои тараққикардаи Ҷумҳури Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар қисми шимоли он ҷойгир шудааст.

Ба вилояти Суғд 18,2%-и масоҳат, 31,3%-и аҳолии кишвар, бештар аз 20%- и ҳаҷми маблағгузори ва фонди асосии истеҳсолии ҷумҳурӣ рост меояд.

Вазни қиёсӣ ва иқтидори иқтисодии вилоят хело калон аст. Ба он 36,4%-и маҳсулоти саноатӣ ва 20 %-и маҳсулоти кишоварзии ҷумҳурӣ рост меояд. Вазни қиёсии саноати сӯзишворӣ 88,2%, маъдани кӯҳӣ 45%, абрешим 88%, кимиё 69,8%, консерваи меваю

сабзавот 81,2%, кешбофӣ 62%-ро ташкил медиҳад. [9]

Вилояти Суғд аз канданиҳои фоиданок бой аст. Дар ин минтақа 214 хели конҳои гуногун, аз он ҷумла 7 кони ангишт, 16 кони қӯрғошим ва руҳ, 3 кони мис ва висмут, 15 кони тилло, 11 кони нафту газ, 5 кони штати саҳроӣ ва ғайраҳо ёфт шудааст [11,53]. Захираи нукраи Кони Мансур дар ҷаҳон дар ҷои чорум меистад. Агар ҳар сол аз ин кон ба микдори 50 тонна нуқра истеҳсол карда шавад, захираи он то 150 сол мерасад.

Дар вилояти Суғд зиёда аз 2,4 млн. нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунад. Зичии миёнаи аҳолӣ дар 1 км$^2$ 81 нафар, дар баъзе шаҳрҳо дар 1 км$^2$ 159-200 нафарро ташкил медиҳад. Дар шаҳрҳо 28,3%-и аҳолӣ зиндагӣ мекунад. Захираҳои меҳнатии вилоят хеле зиёд аст. Гарчанде солҳои 1991-1993 аз марзи вилоят ҳазорҳо одамон, бахусус русзабонҳо куч баста бошанд ҳам, аз ҳисоби афзоиши табиӣ, ба кор даровардани корхонаҳои нави замонавӣ, конҳо, азхудкунии заминҳои нав миқдори аҳолӣ нисбат ба соли 1998 25,3 ҳазор нафар зиёд шудааст. Дар солҳои охир дар вилоят вазни қиёсии саноати сабук аз ҳисоби коркарди пахта бо ҳамкории ширкатҳои хориҷӣ афзуда истодааст.

Иқтисодиёти вилояти Суғд хусусияти агросаноатӣ дорад, яъне нақши соҳаи кишоварзӣ нисбат ба дигар соҳаҳои саноат дар таркиби маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ зиёдтар ба назар мерасад.

Аз ҳамин сабаб мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд диққати асосиро маҳз ба ҳамин соҳаи хоҷагии халқ ҷалб намуда, фаъолияти худро барои зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, коркарди ашёи хоми маҳаллӣ, истеҳсоли маҳсулоти ба стандарти ҷаҳонӣ ҷавобгӯй ва истифодаи иқтидорҳои бекористода равона менамояд.

Корхонаҳои саноати вилоят соли равон ба маблағи 26188,1 млн сомонӣ маҳсулоти саноатӣ истеҳсол намуда, суръати афзоишро нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 107,6% таъмин карданд (ниг. ба ҷадвали 2).

Чӣ тавре ки аз ҷадвали 2 маълум мегардад, шумораи корхонаҳои саноатӣ дар вилоят сол ба сол зиёд шуда, дар баробари ин ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ низ дар соҳаи саноатӣ истихроҷ (нисбати 2019- 2 маротиба) ва коркард (нисбати соли 2019 -2 маротиба) афзун гардидааст. Аммо таҳлили сохторӣ нишон медиҳад, ки ҳаҷми маҳсулоти баъзе соҳаҳои саноати коркард, аз қабили хишти сохтмонӣ дар соли 2023 нисбати соли 2019 - 8,3 % кам шудааст. Шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ бошад, агарчанде нисбати соли 2022 % зиёд бошад ҳам, вале дар муқоиса бо соли 2019 -5,12% ё худ 1,8 ҳазор нафар кам гаштааст.

***Ҷадвали 2.***

***Нишондиҳандаҳои умуми иқтисодии саноат***

*(аз рӯи нишондиҳандаҳои корхонаҳои калони саноатӣ)*

| **Номгӯи нишондиҳандаҳо** | **2019*** | **2020*** | **2021*** | **2022*** | **2023*** | **2023/ 2019 (бо фоиз)** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Шумораи корхонаҳо, воҳид** | 657 | 693 | 733 | 860 | 1105 | 68 % |
| **Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (бо нархҳои с.2020) млн.сомонӣ** | 13053,5 | 15573,2 | 21064,8 | 24326,3 | 26188,1 | 2,0 мар |
| Саноати истихроҷи маъдан | 3686,3 | 2859,1 | 6500,9 | 7183,3 | 7467,3 | 2,0 мар |
| **аз он ҷумла:** | | | | | | |
| Истихроҷи маводҳои энергетикӣ | 318,9 | 342,3 | 380,3 | 445,1 | 424,8 | 1,3 мар |
| Истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ | 3367,5 | 2516,9 | 6120,7 | 6738,2 | 7042,5 | 2,0 мар |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Саноати коркард | 8350,5 | 11588,8 | 13291,1 | 15608,6 | 16778,6 | 2,0 мар |
| **аз он ҷумла:** | | | | | | |
| Хишти сохтмонӣ, млн.дона | 57,8 | 52,9 | 50,5 | 51,4 | 53,0 | -8,3% |
| Конструксия ва маснуоти оҳану бетонӣ, ҳаз.м$^3$ | 20,3 | 15,3 | 32,9 | 41,4 | 44,3 | 2,2мар |
| Консерваҳои мевагӣ ва сабзавот, млн.кут.шартӣ | 20,3 | 30,4 | 31,4 | 30,7 | 36,3 | 20% |
| Макарон, тонна | 1770,0 | 2900,0 | 5206,0 | 4964,9 | 7318,2 | 4 мар |
| Намак (коркард) ҳаз.тонна | 9,8 | 8,3 | 4,4 | 4,7 | 15,3 | 18% |
| Нӯшокиҳои ғайриспирти, ҳаз.дал. | 6162,8 | 5637,0 | 8157,0 | 10794,0 | 14502,0 | 73 % |
| Шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ, нафар | 35,1 | 33,2 | 32,5 | 32,7 | 33,3 | -5,12 |
| **аз ҷумла коргарон** | 24771 | 25539 | 27776 | 27438 | 26974 | 8,8% |

***Аз рӯи сарчашмаҳои зерин ҳисоб карда шудааст:*** *Омори солонаи вилояти Суғд /Маҷмуи оморӣ. - Хуҷанд, АОНПҶТ, 2022. - С.181 - 183;Омори солонаи вилояти Суғд /Маҷмуи оморӣ. - Хуҷанд, АОНПҶТ, 2023. - С.180-182;*

Сабаби коҳиш ёфтани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ зиёд шудани молҳои воридотӣ мебошад, ки мавқеи молҳои ватаниро дар рақобат заиф гардониданд.

Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда соҳибкорони ватанӣ бо дастгирии ҳамаҷонибаи ҳукумати вилоят соли ҷорӣ истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, аз ҷумла консерва, сабзавот (20%), макарон (4-маротиба), нӯшокиҳои ғайриспиртӣ ( 73%) ва намаки ош - 18 % нисбати соли 2019 зиёд истеҳсол намуданд. Яъне нишондиҳандаҳои ҷадвали овардашуда, собит менамояд, ки дар минтақа соҳаи саноати хурокворӣ нисбат ба дигар соҳаҳои саноат самти рушдро бештар касб карда, дар таркиби маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ҳиссаи бештар дорад.

Минтақаи вилояти Суғд дар қатори дигар минтақаҳои кишвар маҷмуи қоидаҳо ва равишҳои дастгирии давлатии сармоягузорӣ ва механизмҳои ҳавасмандгардонии лоиҳаҳои сармоягузорӣ пешниҳод карда шудааст. Шаклҳои маъмултарини дастгирии давлатии сармоягузорон аз боҷи гумрукӣ озод намудани таҷҳизот ва воситаҳое, ки барои бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ истифода мегарданд, пешниҳоди кафолатҳо ва имтиёзҳои андоз ва андозбандӣ ба сармоягузорон ба ҳисоб мераванд.

Таҳлил нишон медиҳад, ки новобаста аз имкониятҳо ва шароитҳои мусоиди сармоягузорӣ аз соли 2019 сар карда зери таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ, аз ҷумла боло рафтани нархи ҷаҳонии ашёи хом, беқурбшавии пули миллӣ ва низоъҳои геополитикӣ тамоюли коҳиш ёфтани сармоягузорӣ ба соҳаи саноат мушоҳида мегардад (ниг. ба ҷадвали 2).

***Ҷадвали 3***

***Сармоягузорӣ ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти минтақаи вилояти Суғд дар давраи солҳои 2018 – 2022***

| | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2022/2018 (бо %)** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Сармоягузорӣ дар маҷмуъ** | **13361,0** | **12517,8** | **11755,6** | **15124,9** | **16655,2** | 24,6% |
| **аз ҷумла ба соҳаҳо:** | | | | | | |
| Саноат | 7974,2 | 6119,7 | 5683,5 | 5649,5 | 5732,1 | -28,1% |
| Кишоварзӣ | 23,1 | 33,2 | 12,7 | 15,3 | 104,5 | +4,5маротиб |
| Нақлиёт ва алоқа | 1152,1 | 1049,3 | 1084,9 | 1612,2 | 1971,3 | +71% |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Савдо ва хӯроки умумӣ | 110,5 | 347,5 | 157,1 | 351,4 | 368,1 | +3,3 маротиб |
| Сохтмони манзил (якҷоя бо манзили хусусӣ) | 488,0 | 1754,5 | 2378,7 | 4261,7 | 4508,5 | +9,2 маротиб |
| Хоҷагии коммуналӣ | 15,7 | 175,0 | 105,1 | 1130,9 | 764,1 | +48 маротиб |
| Илм | - | - | - | - | - | - |
| Маориф | 500,8 | 659,8 | 386,0 | 469,2 | 2182,1 | +4,3 маротиб |
| Тандурустӣ | 323,2 | 347,4 | 163,2 | 169,9 | 110,4 | -65,8% |
| Дигар соҳаҳо | 1906,7 | 2031,4 | 1804,4 | 1464,8 | 914,1 | -52% |

***Манбаъ:*** *Омори солонаи вилояти Суғд /Маҷмуи оморӣ. - Душанбе, АОНПҶТ, 2023. - С.59; Омори солонаи вилояти Суғд /Маҷмуи оморӣ. - Хуҷанд, АОНПҶТ, 2022. – С. 57.*

Маълумоти оморӣ аз соли 2018 то имрӯз 24,6% афзудааст, ки ин ба зарурати васеъ намудани иқтидорҳои истеҳсолӣ ва афзун гардонидани иқтидорҳои мавҷуда вобаста аст. Раванди таваррум низ ба динамикаи сармоягузорӣ бетаъсир намондааст.

Бо вуҷуди ин, таҳлили динамикаи сармоягузорӣ хусусияти ноустувории ин равандро нишон медиҳад. Зеро нишондиҳандаҳои вазъи кунунии сармоягузорӣ ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти минтақа собит менамоянд, ки сармоягузорӣ ба рушди соҳаи саноат нисбати соли 2018 28,8% (-2642,1) коҳиш ёфтааст. Чунин ҳолат шаҳодати он аст, ки самти сармоягузорӣ ба иқтисодиёти минтақавӣ тамоюли манфиро касб кардааст.

Дар муқоиса ба соҳаи саноат ва тандурустӣ сармоягузорӣ ба соҳаҳои кишоварзӣ (4,5 маротиба), савдо ва хӯроки умумӣ (3,3 маротиба), сохтмони манзил (якҷоя бо манзили хусусӣ - 9 маротиба), маориф (4,3 маротиба) афзун гардидааст.

Вилояти Суғд нисбат ба дигар минтақаҳои кишвар як қатор бартариҳои хоси рақобатпазирӣ дорад, ки барои ташаккули иқтидори рақобатпазирии сармоягузорӣ ва рушди бомуваффақияти иҷтимоию иқтисодии минтақа замина фароҳам меорад. Аз ҷумла:

1) **мавқеи муносиби ҷуғрофӣ:** мавқеи мусоиди геополитикӣ, инфрасохтори нақлиётии рушдёфта; вилояти Суғд аз ҷиҳати сарҳад ва шумораи аҳолӣ калонтарин минтақа пас аз вилояти Хатлон мебошад;

2) **иқтидори бои захираҳои инсонӣ ва илмӣ**: вилояти Суғд яке марказҳои зеҳнии кишвар мебошад. Донишгоҳу донишкадаҳои минтақаи вилояти Суғд бо ширкатҳои бузург ҳамкорӣ мекунанд (масалан, маркази Конфутсий);

3) **доираи васеи афзалиятҳои сармоягузорӣ.** Ҳукумати вилоят ширкатҳоеро, ки лоиҳаҳои сармоягузориро дар минтақа амалӣ менамоянд, ҳамаҷониба дастгирӣ мекунад. Барои ҳимояи манфиатҳои сармоягузорон механизми шаффофи гирифтани имтиёзҳо таҳия шудааст;

4) **Минтақаи саноатии дорои инфрасохтори пешрафта.** Сохтмони ин минтақаҳои саноатӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети Ҳукумати вилояти Суғд пешбинӣ шудааст;

5) **Таҷриба дар татбиқи лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ.**

Ҳамин тариқ, иқтидори сармоягузорӣ дар рушди устувори иқтисоди минтақа нақши калидӣ дошта, ба ҳамаи самтҳои иқтисодӣ – иҷтимоии минтақа таъсири назаррас дорад:

**1. Рушди иқтисодӣ ва диверсификатсия:** Сармоягузорӣ ба соҳаи саноат, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокӣ ба рушди иқтисодӣ мусоидат мекунанд. Ин ба диверсификатсияи иқтисоди минтақа тавассути коҳиш додани вобастагӣ аз як ё чанд бахш мусоидат менамояд.

**2. Рушди инфрасохтор:** Сармоягузорӣ ба инфрасохтор (нақлиёт, энергетика,

коммуникатсия) боиси фароҳам омадани шароит барои соҳибкорӣ ва беҳтаршавии зиндагии мардум мегардад. Инфрасохтори рушдёфта сармояи иловагиро ҷалб намуда, ба рушди боз ҳам бештари минтақа мусоидат мекунад.

**3. Навсозии технологӣ:** Сармоягузорӣ ба инноватсия ва технологияҳои нав ба афзун гардидани рақобатпазирии минтақа мусоидат мекунад. Ин метавонад дастгирии тадқиқот ва рушд, рақамигардонӣ ва рушди саноатро дар бар гирад.

**4. Рушди иҷтимоӣ:** Сармоягузорӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ, аз қабили тандурустӣ, маориф ва манзил сифати зиндагии мардумро беҳтар мекунад. Ин, дар навбати худ, сармояи инсониро афзоиш дода, ба рушди устувори иқтисодӣ мусоидат мекунад.

**5. Устувории экологӣ:** Сармоягузорӣ ба технологияи тоза ва рушди устувор ба кам кардани таъсири манфӣ ба муҳити зист мусоидат мекунад. Ин дастгирии лоиҳаҳои энергияи барқароршаванда, сарфаи энергия ва идоракунии партовҳоро дар бар мегирад.

**6. Суботи молиявӣ:** Ҷараёни сармоягузорӣ заминаи молиявии минтақаро мустаҳкам намуда, даромадҳои андозро афзоиш медиҳад ва барои суботи фискалӣ шароит фароҳам меорад. Ин ба минтақаҳо имкон медиҳад, ки қарзҳои худро беҳтар идора кунанд ва ба лоиҳаҳои дарозмуддат сармоягузорӣ кунанд.

Минтақаҳое, ки иқтидори сармоягузориро барои рушди устувор бомуваффақият истифода мебаранд, минтақаҳое мебошанд, ки кластерҳои саноатии рушдёфта доранд, ки фаъолона ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ мебошанд. Шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ки ба рушди инфрасохтор ва лоиҳаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим нигаронида шудааст, низ нақши муҳим мебозад.

Барои истифодаи ҳадди аксар иқтидори сармоягузорӣ нақшаҳои стратегии рушди минтақа, аз ҷумла фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ, дастгирии лоиҳаҳои инноватсионӣ ва устувор, инчунин ҳамкории фаъол бо сармоягузорони хусусӣ ва институтҳои молиявии байналмилалӣ таҳия ва амалӣ карда мешаванд.

### *ПАЙНАВИШТ:*


1. *Рейтинг стран мира по Индексу глобальной конкурентоспособности [Электронный ресурс] Индекс глобальной конкурентоспособности (Global Competitiveness Index) — глобальное исследование и сопровождающий его рейтинг стран мира по показателю экономической конкурентоспособности по версии Всемирного экономического форума (World Economic Forum) / Режим доступа: https: //gtmarket.ru/ratings/global-competitiveness-index (дата обращения 17.03.2024).*
2. *Кадырова, Г.М. Методологические подходы к оценке инвестиционного потенциала региональной экономики [Текст]//Региональная экономика. - 2011. - № 6. - С. 65-71.*
3. *Муртазоев О.К. Теоретические основы формирования и развития региональной промышленной системы Республики Таджикистан / О.К. Муртазоев // Вестник университета. - Душанбе: РТСУ, 2017. - № 4 (60). - С.158-165.*
4. *Маҷмуаи омори вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон// Маҷмуаи оморӣ. – Хуҷанд, 2020. – 325 с.*
5. *Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: АОНПҶТ, 2022. – 300 с.*
6. *Минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: АОНПҶТ, 2023 – 419 с.*
7. *Омори солонаи вилояти Суғд//Маҷмуаи оморӣ. – Хуҷанд: АОНПҶТ, 2022. – 414 с.*
8. *Омори солонаи вилояти Суғд// Маҷмуаи оморӣ. – Хуҷанд: АОНПҶТ, 2023. – 419 с.*
9. *Орипов А.А. Инвестиции - фактор развития сельского хозяйства Республики Таджикистан /А.А. Орипов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. - 2014. - № 1 (57). - С. 93-97.*

*10.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» (аз 28.12.2023) . – Душанбе: Шарқи озод, 2023. – 63 с.*
*11.Сафронова Е.И., Зиновьева И.С. Роль инвестиционного потенциала в региональном развитии / Е.И.Сафронова, И.С. Зиновьева //Международный студенческий научный вестник. 2015. - №4. URL: https://eduherald.ru/ru/article/view?id=13518 (дата обращения: 28.02.2023).*
*12.Шамсиев Ф.К. К исследованию корпоративных отношений в переходных экономиках / Ф.К. Шамсиев // Интернет-журнал «НАУКОВЕДЕНИЕ». – 2016. - Том 8. №3 (электронный ресурс)/ режим доступа: http://naukovedenie.ru/PDF/ 18EVN316 .pdf (дата обращения: 11.01.2024).*
*13.Ҳисоботи шуъбаи дастгирии соҳибкорӣ МИҲД вилояти Суғд, соли 2019.*
*14.Худойбердиев С. Географияи иқтисодӣ ва иҷтимоии Тоҷикистон (Дастури таълимӣ – методӣ) / С. Худойбердиев. – Хуҷанд: Кова, 2014. – 205 с.*

**REFERENCES:**

1. *Rating of Countries of the World by the Index of Global Competitiveness" [Electronic resource]: - Global competitiveness index - global study and accompanying ranking of countries of the world by the index of economic competitiveness according to the Forum of the index of economic competitiveness - Access mode: https://gtmarket.ru/ratings/global-competitiveness-index (date of access: 17/03/2024)*
2. *Kodirova, G.M. Methodological Approaches to Assessing the Investment Potential of the Regional Economy [Text]//Regional Economy, 2011. No. 6. PP. 65-71.*
3. *Murtazoev O.K. Theoretical Foundations of the Formation and Development of the Regional Industrial System of the Republic of Tajikistan // University News. - Dushanbe: RTSU, 2017. - No. 4 (60). - PP. 158-165.*
4. *Annual Statistics of the Sughd region of the Republic of Tajikistan // Annual Statistics. - Khujand, 2020. - PP. 325.*
5. *Regions of the Republic of Tajikistan. Dushanbe: ASPRT, 2022. –PP.300.*
6. *Regions of the Republic of Tajikistan. Dushanbe: ASPRT, 2023. –PP.419.*
7. *Annual Statistics of the Sughd region // Annual Statistics. – Khujand: ASPRT, 2022. –PP. 414.*
8. *Annual Statistics of the Sughd region // Annual Statistics. – Khujand: ASPRT, 2023. –PP. 419.*
9. *Oripov A.A. Investments - a Factor in the Development of Agriculture of the Republic of Tajikistan // Bulletin of the State University of Law, Business and Politics of Tajikistan. 2014. No. 1 (57). -PP. 93-97.*
10. *Message of the President of the Republic of Tajikistan, the Honorable Emomali Rahmon "On the Main Directions of State and Foreign Policy" (dated on 12/28/2023). – Dushanbe: Svobodny Vostok, 2023. – 63 pp.*
11. *Safronova E.I., Zinovieva I.S. The Role of Investment Potential in the Development of the Region // International student bulletin. 2015. - No. 4. URL: https://eduherald.ru/ru/article/view?id=13518 (date of access: 28/02/2023).*
12. *Shamsiev F.K. On the Study of Corporate Relations in Countries with Transition Economies // Internet journal "NAUKA" Vol. 8, No. 3 (2016) (electronic resource) access status: http://naukovedenie.ru/PDF/18EVN316.pdf (date of access 11/01/2024).*
13. *Report of the Business Support Department of the Ministry of Foreign Affairs of the Southern Region, salt 2019*
14. *Khudoyberdiev Sattor Geography, Economy and Society of Tajikistan (study guide - method). - Khujand: Kova, 2014, - 205 pp.*